ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ. – Душанбе, 2026. – 187 с.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Дар замони бозсозӣ ва ноил гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ дар ҷомеа дигаргуниҳоро ба амал овард, ки ба таъсис ва ташаккули воситаҳои ахбори оммаи сифатан нави миллӣ сабаб гардид. Зери таъсири вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии бавуҷудомада, ҷараёни худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ нуфуз ва муносибат ба иттилооти рӯзноманигорӣ ва инъикоси он тағйир ёфт. Нақши ин омилҳо дар таъсис ва ташаккули рӯзномаҳои расмӣ низ чашмрас гашт, ки далели он таъсиси рӯзномаи парлумонии «Садои мардум» ҳамчун нашрияи мақомоти Совети Олии РСС Тоҷикистон мебошад. Ин нашрия дар низоми матбуоти даврии тоҷик нахустин рӯзномаи парлумонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар тули фаъолияти беш аз 35 солаи худ дар фазои иттилоотии кишвар мавқеъ ва нуфузи муайян пайдо кардааст. Омилҳои таъсис, таърихи нашр ва вижагиҳои шакливу мундариҷавӣ ва жанрӣ, ҳамчунин аломатҳои типологии рӯзномаи «Садои мардум», ки дар давоми солҳои муайян ташаккулу таҳаввул ёфтааст, имкон медиҳад, ки фаъолияти онро ҳамчуни нахустин рӯзномаи парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шавад. Дар ин ҷараён, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мушаххас намудани марҳилаҳои ташаккул, нақш ва ҷойгоҳи рӯзномаи “Садои мардум” дар солҳои нооромии вазъи кишвар, дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, таҳияи қонунҳо, оммавикунонии қонуну қарорҳо ва асноди расмиву ҳуқуқӣ, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, ташаккули афкори нави омма, ҳамдигарфаҳмӣ, қонеъ намудани талаботи маънавии ҷомеа ба ахбори муҳим ва созанда, аз ҷумла, оид ба мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ, забону адабиёт ва фарҳанги миллӣ низ муҳим аст. Ин усули таҳқиқ имкон медиҳад, ки доиир ба зиддиятҳои давраи гузариш, тарз ва равишҳои таҳаввул ва рушди матбуоти даврии сифатан нав дар асоси таҷрибаи ин нашрияи парлумонӣ сухан карда, бо баррасии матолиби давраҳои гуногун ба нақш ва ҷойгоҳи ин рӯзнома дар фазои иттилоотии кишвар бобати таҳкими таҷрибаи қонунгузорӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва амсоли ин баҳо дода шавад. Ин ҳама аз мубрамии мавзуи таҳиқи ин кори диссертатсионӣ шаҳодат медиҳад.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи таҳқиқ ба доираи масъалаҳои пешбининамудаи шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мутобиқат мекунад. Дар диссертатсия масъалаҳои таърих, назария ва амалияи рӯзноманигорӣ, вижагиҳои нашрияи парлумонӣ, инъикоси воқеияти иҷтимоӣ дар матбуоти даврӣ, маҳорати эҷодии рӯзноманигорон дар доираи талаботи ихтисоси мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар диссертатсияи худ таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум»-ро ҳамчун як минбари муҳимми ибрози назари мардум ва инъикосгари фаъолияти парламентии кишвар анҷом додааст. Дар таҳқиқ мавзуъҳои мубрами илми рӯзноманигорӣ, аз қабили таърихи таъсис, самтҳои фаъолият, жанрҳо ва усулҳои корбарӣ, инчунин мавқеи рӯзнома дар ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Актуалиияти мавзуъ боз аз он иборат аст, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ, таҳкими нақши рӯзноманигории парламентӣ дар таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳии ҳокимият муҳим арзёбӣ мегардад. ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пурра мутобиқат менамояд. Дар диссертатсия масъалаҳои назария ва амалияи публитсистика, инъикоси воқеияти иҷтимоӣ ва бунёди иншоотҳои азим дар осори публитсистӣ, инчунин масъалаҳои маҳорати эҷодӣ ва услуби нигорандагӣ дар доираи талаботи ихтисоси мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии диссертатсия. Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал нашрияи «Садои мардум» дар қолаби диссертатсия таҳқиқ шудааст. Ин мавзуъ дар журналистикаи тоҷик комилан нав аст. Кӯшишҳои диссертант дар бобати арзёбии заминаҳо, омилҳои пайдоиш ва зинаҳои ташаккул ва таҳаввули аввалин нашрияи парлумонӣ дар кишвар; нақши Истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар ташаккули матбуоти даврии озоди парлумонӣ; тасниф ва таҳлилу баррасии вижагиҳои сохториву шаклӣ, мавзуиву жанрӣ, муайян ва мушаххас намудани дараҷаи корбурд ва фарогирии масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар қолаби жанрҳои хабарӣ ва таҳлилӣ ва амсоли ин низ аз навгониҳои диссертатсия дарак медиҳад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертант бар асоси таҳлили амиқи заминаҳои пайдоиш, таърихи таъсис ва марҳалаҳои фаъолияти рӯзномаи «Садои мардум» омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ, таҳқиқоти муҳаққиқони

ватанию хориҷӣ ва истифодаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ ва муҳтавоӣ ба даст омадаанд. Хулосаҳои пешниҳодгардида мантиқӣ буда, аз маводди таҳлилшуда бармеоянд. Натиҷаҳо бо истинод ба интишороти илмии муаллиф асоснок гардидааст, ки аз пайдарпайӣ ва эътимоднокии корҳои анҷомшуда шаҳодат медиҳад. Дар ин асос метавон гуфт, ки хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъдаи журналистикаи парлумонии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 187 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи омузиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ ва муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд мушаххас гардида, натиҷаҳои таҳқиқ асоснок ва муаррифӣ гардидааст.

Боби аввали диссертатсия «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал – **«Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили таъсиси нашрия»** омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, таърихиву фарҳангии пайдоиши нашрияи парлумонии Тоҷикистон – «Садои мардум» таҳқиқ шудааст. Аз мутолиаи диссертатсия бармеояд, ки дар таъсиси ин рӯзнома воқеиятҳои сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ, вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар, тавсеаи фазои иттилоотӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ дар мисоли қонунҳои танзимкунандаи ВАО аз ҷумлаи омилҳои таъсиргузор будаанд. Унвончӯ ин омилҳоро ба таври илмӣ ва муфассал таҳлилу арзёбӣ намуда, ба хулосаи дуруст меояд, ки «Зери таъсири раванди бозсозӣ соли 1990 номи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ба Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон иваз ва парлумони кишвар таъсис дода шуд. 29-уми августи ҳамин сол бо Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон рӯзномаи «Садои мардум» таъсис ёфт» (диссертатсия, с. 15).

Довталаби дараҷаи илмӣ Дар **фасли дуюми боби аввал – «Марҳилаҳои ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум»** рисоланавис марҳалаҳои ташаккул ва рушди ин нашрияро пас аз Истиқлоли давлатии Тоҷикистон таҳқиқ ва вижагиҳои ҳар марҳаларо ба таври илмӣ муайян кардааст.

Дар ин фасл бо назардошти вазъи сиёсиву иҷтимоии ҷумҳурӣ дар солҳои боҷсозии горбачёвӣ, Истиқлоли кишвар ва таъсири он ба раванди инкишофи васоити ахбори омма таъкид мегардад, ки ҷараёни ташаккул ва таҳаввули рӯзномаи «Садои мардум» дар се марҳала: солҳои 1991-2000, 2000-2010 ва аз 2010 то ба имрӯз сурат гирифтааст, ки ин аз навгонии кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Ҷиҳати муҳим ва ҷолиби ин марҳалабандӣ боз дар он аст, ки вижагиҳои умумӣ ва хоси ҳар як марҳала бо истифодаи маводди илмиву амалӣ ва факту далел муайян ва мушаххас карда шудааст.

Дар **боби дуюми диссертатсия – «Вижагиҳои шаклию мундариҷавии нашрия»** ҷанбаҳои сохториву шаклӣ ва мундариҷавию муҳтавоии рӯзномаи «Садои мардум» мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Дар **фасли аввали ин боб** таҳти унвони **«Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия»** хусусиятҳои шакливу ороишӣ: саҳифаву рубрикаҳо, аксу сарлавҳаҳо, ҷобаҷогузории матнҳои нашрияи «Садои мардум» баррасӣ гардида, бо таҳлили шумораҳои гуногуни он нақши ин аносир дар касби рӯзномасозӣ муайян карда шудааст. Дар рӯзноманигории амалӣ шакл аҳаммияти басо муҳим дорад. Хусусан, дар замони муосир, шакл василаи муҳимтарини инъикоси воқеият, баёни матлаб ва изҳори назар гардидааст. Муаллифи диссертатсия ин вижагиҳоро бо зикри мисолу намунаҳо асоснок кардааст, ки воқеан қобили мулоҳиза мебошад. Дар ҷараёни таҳлил исбот мегардад, ки ороиш ва дизайн ҷузъи таркибии сохтори мундариҷавӣ ва шаклии рӯзномаи «Садои мардум» будааст.

Дар **фасли дуюми ин боб, ки «Таснифоти мавзуии маводди нашрия»** ном дорад, мундариҷаи нашрия аз нигоҳи мавзуъ тасниф шуда, зимни таҳлилу баррасиҳои илмӣ вижагиҳои матолиб муайян карда шудааст. Муаллифи диссертатсия собит месозад, ки мундариҷаи рӯзномаи «Садои мардум» баёнгари мавқеи ҳирфаии нашрияи парлумонӣ дар инъикос ва шарҳи воқеиятҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сатҳи ҷаҳонӣ; фаъолияти Маҷлиси Олӣ – парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ; тарғиби тағйирнопазирии шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат; таҳкими соҳибихтиёрӣ, Истиқлол ва тақсимнашавандагии Тоҷикистон аст. Ин нашрия ҳамчунин бо нашри осори адабӣ, шеърҳо, мақолаҳо оид ба

масъалҳои адабиёту фарҳанг мавқеи таблиғотии худро муайян намудааст.

Боби сеюм «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» унвон дошта, шомили се фасл аст. Дар ин боб масъалаи чигунагии жанрҳои публитсистӣ ва сатҳи истифодаи онҳо дар маводди нашрия таҳқиқу баррасӣ шудааст. Аҳаммияти ин боб дар он зоҳир мегардад, ки жанр дар рӯзноманигории амалӣ, хосса матбуоти даврӣ мавқеи муҳим дорад. Тавассути он на танҳо матолиб ба шакл дароварда мешавад, балки ҷалби хонанда ба мутолиа бештар мегардад.

Дар фасли аввали ин боб **«Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби жанрҳои хабарӣ»** вижагиҳои маводди хабарии рӯзномаи «Садои мардум» бо назардошти хусусиятҳои жанрӣ, усули таҳия, василаҳои хабарсоз, маҳорати хабарнависӣ, сохти хабар, анвои хабарҳо, лид дар матнҳои хабарӣ ва амсоли ин таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Аз таҳлили анҷомдодашуда бармеояд, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» жанрҳои хабарӣ мавқеи муҳим доранд. Омили асосии нуфузи ин гурӯҳи жанрҳо, пеш аз ҳама, ҳадафи иттилоотии онҳо будааст. Муаллиф тавонистааст нишон диҳад, ки рӯзномаи «Садои мардум» дар интихоб ва интишори воқеаҳои хабарӣ, пеш аз ҳама, арзиши маънӣ ва иҷтимоии онҳоро ба назар гирифтааст.

Аз натиҷагириҳои муаллиф бармеояд, ки истифодаи жанрҳои хабарӣ имкон додааст, ки ҳаёти парумони кишвар ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар ин рӯзнома нисбатан ҳаматарафа ва ҳадафмандона инъикос шаванд.

Фасли дуюми **боби сеюм**, ки «**Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ»** ном дошта, баҳси роҳу василаҳои корбасти жанрҳои таҳлилиро дар шарҳу тавзеҳ ва баррасии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар бар мегирад.

Аҳаммияти илмии фасли мазкур дар он зоҳир мегардад, ки жанрҳои таҳлилӣ барои рӯзномаи «Садои мардум» василаи муҳим ва муассири инъикоси воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии ҳаёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд. Ин жанрҳо ҷанбаи амиқи публитсистӣ ва таъсиргузорӣ доранд ва бо тарзи дарки предмет, инъикоси воқеиятҳо, миқёси хулосаҳову умумиятдиҳӣ ва хусусияти услубии воситаҳои баёну тасвир фарқ мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ собит намудааст, ки нашрия бештар ба чопи мухбирнома, табсира, суҳбат, хулосаи матбуот, мақола ва нигориш

диққат додааст. Мухбирнома дар инъикоси воқеиятҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва шаклгириии мундариҷавию жанрии рӯзномаи «Садои мардум» мавқеи муҳим доштааст. Рӯзномаи «Садои мардум» тули фаъолияташ аз жанри мухбирнома фаровон истифода бурдааст. Табсираҳои нашрия ифодакунандаи нигоҳи муаллифон ба воқеаҳои баррасишуда, гуногунрангии жанрӣ ва таносуби шаклу мундариҷа мебошанд. Дар аксарияти мақолаҳои нашрия сохтори жанрии фикр+факт+факт-таҳлил-хулоса риоя шудааст.

Фасли сеюми боби сеюм **«Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк»** ном дорад. Бозтоби корномаи шахс ба воситаи осори публитсистию бадеӣ яке аз василаҳои шинохти ҳақиқати зиндагӣ ва амалу кирдори инсонҳои касбу кори гуногун мебошад, ки бо тасвири образнок дар жанрҳои лавҳаву очерк инъикос мешавад. Муаллифи диссертатсия лавҳаҳо ва очеркҳои рӯзномаи «Садои мардум»-ро бо назардошти вижагиҳои жанрӣ, таносуби воқеаву неруи тахайюлӣ баррасӣ намуда, собит намудааст, ки авомили тасвир ва муаррификунандаи корномаи шахс дар матолиби нашрия, дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол шакл гирифтааст.

Хулосаи диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар 20 банд ҷамъбаст гардида, бардоштҳои илмии ӯро дар бораи мавзуъ фаро мегиранд. Ҳамчунин оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ тавсияҳо пешниҳод гардидааст, ки барои истифодаи амалӣ муфид буда, барои беҳтар гардонидани фаъолияти нашрияи парламентӣ нигаронида шудаанд. Хулосаву тавсияҳои дар кор ироагардида аз таҳлилу баррасии мавзуъ ва натиҷаву бардошти бобу фаслҳо буда, ҷанбаи пурқуввати назариявӣ ва амалӣ доранд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки нашрияи парлумонӣ ҳамчун воситаи муҳимми пахши иттилооти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, инчунин воситаи мубрами таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ маҳсуб меёбад. Нашрияи «Садои мардум» дар ин самт нақши муҳим дорад. Он ба инъикоси васеи қонунҳо, қарорҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин фаъолияти намояндагони халқ ва кумитаҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Таҳлилу баррасиҳои унвончӯ нишон медиҳанд, ки нашрияи мазкур ҳамчун платформаи муҳимми муколама байни парлумон ва мардум

хизмат намуда, имкон медиҳад, ки шаҳрвандон аз ҷараёни қонунгузорӣ огоҳ бошанд ва дар муҳокимаи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ иштирок намоянд. Ин омил ба таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди низоми демократӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 6 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Ҳамчунин мазмуну муҳтавои диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ муаррифӣ шудаанд

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия ва автореферат мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудию норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:

1. Чун объекти таҳқиқи кори диссертатсионӣ нашрияи парлумонӣ аст, тақозо мешавад, ки моҳият ва хусусияти рӯзноманигорӣ ва матбуоти парлумонӣ дар фасли алоҳида баррасӣ гардад. Ҳарчанд дар бахши муқаддима ва фасли аввал моҳият ва таъйиноти нашрияи парламентӣ ба таври басанда таҳлилу арёбӣ шудааст.

2. Унвонҷӯ ҳангоми таҳқиқи мавзуъ бештар ба омилҳои мансуб ба нашрияи «Садои мардум» такя мекунад, ки ҳақ ҳам дорад. Аммо, агар ҳангоми таҳлили вижагиҳои ин нашрия онро бо рӯзномаҳои парлумонии кишварҳои дигар муқоиса мекард, доманаи таҳқиқ фаротар мешуд.

3. Ҳарчанд музокира, таҳлил ва баррасиҳои унвонҷӯ нисбатан илмӣ аст, аммо дар ҷо-ҷои диссертатсия услуби публитсистӣ низ ба мушоҳида мерасад, ки дар пажуҳишҳои оянда ба эътибор гирифтани ин ҷиҳатро тақозо мекунад.

Ин эродҳо ҷузъӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» таҳқиқоти мустақил, анҷомёфта ва аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, ба талаботи

бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи реклама ва робита бо ҷомеаи
Муассисаи таълимии байнидавлатии
таҳсилоти олии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Салимзода О.
"29" октябри соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: (+992) 93-500-22-19.
E-mail: salimzoda56@mail.ru

Имзои Салимзода Олимро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии
«Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон» Боровитская Л.А

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Телефон: (+992) 37-221-35-50.
E-mail: p.rektora@mail.ru
Сомона: rtsu.tj
"29 " октябри соли 2026